Хулоса
оид ба натиҷаи аудити мутобиқат ва молиявӣ дар Идораи Рӯзномаи
“Ҷумҳурият” дар солҳои 2022 - 2025.

1. Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1, 7 ва 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар Идораи Рӯзонаи “Ҷумҳурият” дар давраи аз моҳи октябри соли 2022 то моҳи декабри соли 2025 аз натиҷаи чорабинии аудитории гузаронидашуда омода гардидааст.

1.1. Идора дар асоси Оиннома фаъолият намуда, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2000, № 187 тасдиқ карда шуда, Муассисони он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

1.1.1. Самтҳои асосии фаъолияти Идора аз инҳо иборат аст:

- тарғиби нуқтаҳои Конститутсия дар бораи он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, хукукбунёд, дунявӣ ва ягона буда, сиёсати он ба фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда инкишофи озодона барои ҳар як инсон, талқини ғояҳои ваҳдати миллӣ, волоияти арзишҳои умумибашарӣ, демократӣ, сулҳ ва инсондустӣ равона карда шудааст;

- мусоидат ба равандҳои солимии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои Тоҷикистон дар асоси эҳтироми ҳуқуқ ва озодии шахсият, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ муйян намудаанд;

-мусоидат ба рушди илму фарҳанг, пойдор намудани ғояҳои дӯстӣ ва ҳамкории тамоми миллат ва халқиятҳо дар ҷамъият, муттаҳидӣ ва ризоияти шаҳрвандӣ дар кишвар;

- ҳамкории конструктивӣ бо тамоми ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ва гуруҳҳои иҷтимоӣ, ки дар доираи Конститутсия амал мекунанд.

1.1.2. Идора дар асоси Шаҳодатнома аз 4 июли соли 2011, №0001/рз дар Вазорати фарҳанг ба қайд гирифта шуда ҳадаф ва вазифаҳои Идора нашри фармону дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумат ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ва ҷаҳон мебошад.

1.1.3. Рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар як ҳафта панҷ маротиба дар ҳаҷми чор саҳифа аз чоп мебарояд.

1.1.4. Нархномаи обунаи солонаи Рӯзнома барои солҳои 2022-2025 ба маблағи 220,0 сомонӣ дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сармуҳаррири Идора тасдиқ карда шудааст.

1.1.5. Ғайр аз ин, нархномаи чопу эълону рекламаҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии корхона, ташкилоту муассисаҳо, шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар Рӯзномаи “Ҷумҳурият” барои 1 $см^3$ аз 2 то 2,5 сомонӣ ва барои матни яклухт аз 15,0 то 25,0 сомонӣ дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сармуҳаррири Идора тасдиқ карда шудааст.

1.1.6. Қайд намудан зарур аст, барои ҷамъоварии обунаи соли 2022-2025 шартномаҳо байни Идора ва КВД “Почтаи тоҷик”, КФ КВД “Почтаи тоҷик” дар вилояти Суғд, КФ КВД “Почтаи тоҷик” дар вилояти Хатлон ва КФ КВД “Почтаи тоҷик" дар ВМКБ ба имзо расонида шудааст. Мувофиқи банди 2.4 шартномаи мазкур аз нархи як нусхаи солонаи рӯзнома (аз 220,0 сомонӣ) аз ҷониби корхонаҳои болозикр 10,0 сомонӣ барои анҷом додани хизматрасонӣ нигоҳ дошта мешавад.

1.1.7. Мувофики маълумотҳои пешниҳодгардида дар соли 2022 ба ҳисоби миёна дар як рӯз теъдоди чопи 45000 нусхаи рӯзнома ба накша гирифта шуда, дар ин замина накшаи молиявии Идора барои соли 2022 аз рӯйи даромад ба маблағи 10140000 сомонӣ (чопи 45000 нусха дар як рӯз х 252 шумора дар як сол х 0,873 сомонӣ барои як нусха 9900000,0 сомонӣ ва аз ҳисоби эълону реклама 240000,0 сомонӣ), харочот ба маблаги 12645384,0 сомонӣ ва бо натиҷаи зарар ба маблаги 2505384,0 сомонӣ пешбинӣ шудааст.

1.1.8. Мувофики маълумотҳои пешниҳодгардида дар соли 2023 ба ҳисоби миёна дар як рӯз теъдоди чопи 50000 нусхаи рӯзнома ба накша гирифта шуда, дар ин замина накшаи молиявии Идора барои соли 2023 аз рӯйи даромад ба маблаги 11240000 сомонӣ (чопи 50000 нусха дар як рӯз х 252 шумора дар як сол х 0,873 сомонӣ барои як нусха 11000000,0 сомонӣ ва аз ҳисоби эълону реклама 240000,0 сомонӣ), харочот ба маблаги 13944944,0 сомонӣ ва бо натиҷаи зарар ба маблаги 2704944,0 сомонӣ пешбинӣ шудааст.

1.1.9. Мувофики маълумотҳои пешниҳодгардида дар соли 2024 ба ҳисоби миёна дар як рӯз теъдоди чопи 50000 нусхаи рӯзнома ба накша гирифта шуда, дар ин замина накшаи молиявии Идора барои соли 2024 аз рӯйи даромад ба маблаги 11240000 сомонӣ (чопи 50000 нусха дар як рӯз х 252 шумора дар як сол х 0,873 сомонӣ барои як нусха 11000000,0 сомонӣ ва аз ҳисоби эълону реклама 240000,0 сомонӣ), хароҷот ба маблаги 13944944,0 сомонӣ ва бо натиҷаи зарар ба маблағи 2704944,0 сомонӣ пешбинӣ шудааст.

1.1.10. Инчунин, тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар соли 2025 ба ҳисоби миёна дар як рӯз теъдоди чопи 50000 нусхаи рӯзнома ба нақша гирифта шуда, дар ин замина нақшаи молиявии Идора барои соли 2025 аз рӯйи даромад ба маблағи 11240000 сомонӣ (чопи 50000 нусха дар як рӯз х 252 шумора дар як сол х 0,873 сомонӣ барои як нусха 11000000,0 сомонӣ ва аз ҳисоби эълону реклама 240000,0 сомонӣ), хароҷот ба маблағи 14579158,0 сомонӣ ва бо натиҷаи зарар ба маблаги 3339158,0 сомонӣ пешбинӣ шудааст.

2. Омузиш ва таҳлили риояи тартиби банақшагирии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ нишон дод, ки Идора субъекти мустақили худмаблағгузор буда, мувофиқи тартиби амалкунанда бо усули хоҷагӣ фаъолият карда, бар иловаи маблағҳои дохилӣ барои нигоҳдорӣ, инчунин аз буҷети ҷумҳуриявӣ дар як сатр аз рӯйи ГИБ 2411 “Ба корпоратсияҳои (ташкилотҳои) давлатии молиявӣ ва ғайри молиявӣ” (Субсидия) дар асоси талаботи пешбинишуда маблағгузорӣ мегардад.

2.1. Сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Идора аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз тарафи Идора таҳрезӣ гардида, дар мувофиқа бо Сарраёсати буҷети давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷониби Дасгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

2.1.1. Бояд қайд кард, ки маблағгузории Идора дар асоси сметаи ягонаи даромад ва хароҷот аз ҳисоби маблаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба воситаи Сарраёсати хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3.1.2. Аудити амалиётҳои бонкии Идора муайян намуд, ки Идора субъекти мустақили худмаблағгузор буда, мувофиқи тартиби амалкунанда бо усули хоҷагӣ фаъолият карда, бар иловаи маблағҳои дохилӣ барои нигоҳдорӣ, инчунин аз буҷети ҷумҳуриявӣ дар як сатр аз рӯйи ГИБ 2411 “Ба корпоратсияҳои (ташкилотҳои) давлатии молиявӣ ва ғайри молиявӣ” (Субсидия) тавассути Барномаи иттилоотии банақшагирӣ ва иҷрои буҷети ҷумҳуриявӣ “SGB-net” аз суратҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар Сарраёсати хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбудаи №20204972111010100001 ба суратҳисоби №20202972100454101000-и КВД БДА ҶТ “Амонатбонк” дар шаҳри Душанбе интиқол дода, инчунин маблағҳои аз ҳисоби обуна ва дигар даромадҳо ба суратҳисоб ворид карда шуда, таввасути суратҳисоби мазкур пардохт карда мешавад.

4. Таҳлилҳо муайян намуд, ки шумораи кормандон дар солҳои 2022 - 2025 аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 50 воҳиди корӣ бо музди меҳнати миёнаи меҳнат, мутаносибан 66520,0 сомонӣ, 79833,0 сомонӣ, 79833,0 сомонӣ, 111762,0 сомонӣ ва аз ҳисоби маблағҳои махсус дар ин давра бе тағйир 23156,0 сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

4.1. Дар рафти гузаронидани чорабинии аудиторӣ муайян гардид, ки мувофиқи маълумотҳои китоби ҳисоби музди меҳнат ва пардохтҳои ба он баробар аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва махсус ба кормандони Идора ҳисоби муҳосибии 510100 “Музди меҳнат дар шакли пулӣ” дар маҷмуъ маблағи 12780607,29 сомонӣ ҳисоб ва пардохт карда шудааст.

4.1.1. Дар давраи дарбаргирии чорабинии аудиторӣ ба кормандони Идора аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва махсус ба маблаҳи 245599,12 сомонӣ варақаи корношоямӣ ва дигар хароҷотҳои иҷтимоӣ ҳисоб ва пардохт карда шудааст.

7. Бояд қайд намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатӣ” асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасониро муайян намуда, расмиёти ягонаи вобаста ба харидро, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ барои эҳтиёҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, муқаррар менамояд.

7.1. Таҳлили ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ муайян намуд, ки дар даварои дарбаргирии чорабинии аудиторӣ талаботи моддаҳои 1 ва 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2023, №1955 “Дар бораи хариди давлатӣ” аз тарафи масъулини Идора риоя карда нашуда, ҳолатҳо хариди мол ва иҷрои кору хизматрасониҳо бидуни протоколи комиссияи тендерӣ маблағгузорӣ шудааст.

Бо назардошти камбудию норасоиҳои молиявии дар чорабинии аудитории гузаронидашуда ва тибқи муқаррароти моддаҳои 7,27 ва 41-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба масъулини Идораи рӯзномаи “Ҷумҳурият” тавсияҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- натиҷаи чорабинии аудитории Идора дар давраҳои аз моҳи октябри соли 2022 то моҳи декабри соли 2025 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати

бартараф намудани камбудию норасоиҳои молиявии муайянгардида, тадбирҳои зарурӣ андешида шавад;

- минбаъд нақшаи маблағгузориҳои буҷетӣ дар сметаҳои хароҷотӣ аз рӯйи "Тартиби банақшагирии хароҷоти муассисаю ташкилотҳои соҳаи фарҳанг, ки аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ба тариқи кӯмаки молиявӣ (субсидия" маблағгузорӣ карда мешаванд", ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02. 04 соли 2019, №54 тасдиқ гардидааст, ба роҳ монанд;

- муҳосибини Идора вазифадор карда шавад, ки талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявӣ" ва моддаи 60-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатӣ"-ро риоя намуда, минъбад то 31 декабри соли молиявӣ ҳисоботи худро ҷамъбаст намуда, бақияи маблағҳои буҷетии хазинаро ба суратҳисоби ягонаи хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол диҳанд;

- масъулини Идора хароҷоти сафарҳои хизматиро мувофиқ ба талаботҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2015, таҳти №38 "Дар бораи пардохти хароҷотҳои сафарҳои хизматии хизматчиёни давлатӣ ба кишварҳои хориҷӣ, инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба роҳ монанд;

- муҳосибини Идора вазифадор карда шавад, ки талаботи банди 48-и "Дастурамал оиди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ", ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2000, №157 тасдиқ карда шудааст, риоя намоянд;

- дар ҷамъбасти соли молиявӣ талаботҳои дастурамал дар бораи меъёрҳои ягонаи ҳисоб намудани истеҳлоки (хӯрдашавии) воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи воситаҳои асосие, ки ба гурӯҳҳои истеҳлокӣ дохилиро, ки бо фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12. 02 соли 2014, № 24 тасдиқ шудааст риоя карда шавад;

- масъулини Идора вазифадор карда шавад, ки талаботи моддаи 54 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" риоя намоянд;

- оиди ба куллӣ беҳтар намудани ҳисоботҳои муҳосибӣ, ислоҳи камбудиҳо дар идоракунии молиявӣ ва пешбурди ҳисобдории муҳосибӣ ва таъмини хароҷоти мақсадноки маблағҳои пешбинишудаи буҷетӣ, тадбирҳои амалӣ андешад;

- масъулини Идора вазифадор карда шавад, ки талаботи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №815 "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ"- ро риоя намоянд;

- роҳбарияти Идора сатҳи масъулияти шахсонеро, ки ба камбудиҳои молиявӣ роҳ додаанд муайян намуда, нисбати онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Сараудитори Палатаи
ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзозода А.М.